**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

---

Бо қарори Шӯрои олимон
аз 29 декабри соли 2022,
протоколи № 5 тасдиқ шудааст.
Раиси Шӯрои олимон
_____________Назарзода Х.Х.
«30» ______12______ соли 2022

# НИЗОМНОМАИ
# ШӮРОИ ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе 2022**

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.2. Шӯрои олимон бо мақсади баррасии масъалаҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва молиявию хоҷагидории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар назди ректор таъсис дода мешавад.

1.3. Шӯрои олимон органи олии идоракунии донишгоҳ маҳсуб меёбад.

## II. Вазифаҳои Шӯрои олимон

2.1. Шӯрои олимон вазифаҳои зайлро иҷро мекунад:

- татбиқи амалии дастуру супоришҳои Президенти кишвар, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир;
- муттаҳид намудан ва самаранок истифода бурдани нерӯи илмӣ, таълимӣ ва методии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ;
- дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, низомномаи мазкур ва дигар асноди меъёриву ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти болоӣ ҷиҳати таъмини тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои амтҳои мухталифи иқтисодиёт;
- нақшаи кори Шӯрои олимонро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд;
- нақшаи кори раёсати Донишгоҳро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд;
- дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Донишгоҳ таклифҳо пешниҳод менамояд;
- масъалаҳои асосиро доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, инноватсионӣ, робитаҳои байналмилалӣ, тарбиявӣ, молиявию хоҷагӣ ва ғайраро дар самти таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян менамояд;
- масъалаҳои такмили идоракунии Донишгоҳ, аз ҷумла ташкил ё барҳамдиҳии воҳидҳои сохториро баррасӣ менамояд;

- масъалаҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳро баррасӣ мекунад;
- масъалаҳои таъсиси ихтисосҳоро дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти олии баъд аз муассисаи олии таълимиро баррасӣ менамояд;
- имтиёзҳои воҳидҳои кориро барои ишғол намудани вазифаҳои дотсент, профессор ва кормандони дигари илмию таълимӣ муқаррар ва татбиқ мекунад;
- стратегияи рушди Донишгоҳ, нақшаҳои дурнамо ва мавзӯи пажӯҳишҳои илмиро баррасӣ намуда, тасдиқ менамояд; санадҳои дигари танзимкунандаи фаъолияти Донишгоҳро баррасӣ ва қабул менамояд;
- бо пешниҳоди ректор масъалаи пеш аз мӯҳлат аз вазифа бозхонд намудани мудири кафедраро баррасӣ менамояд;
- аъзои комиссияи назоратию тафтишотиро интихоб, низомнома ва ҳисоботи онро баррасӣ ва тасдиқ мекунад;
- интихоби довталабонро ба тариқи озмун барои ишғоли вазифаҳои ҷойҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон амалӣ мекунад;
- масъалаҳои дарёфти унвони илмиро (дотсент ва профессор) барои манзур намудан ба комиссияҳои олии аттестатсионии ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ ва тасдиқ мекунад;
- мавзӯъ ва роҳбари илмии докторантҳоро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;
- номгӯйи рисолаҳо ва корҳои (лоиҳаҳои) хатм, дипломӣ ва магистриро баррасӣ ва тасдиқ мекунад;
- номгӯй ва гирандагони стипендияҳои номиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;
- барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимиро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ мекунад;
- масъалаи муқаррар намудани иловапулиҳо (барои дараҷаи номзади илм ва доктор PhD) ва ҷубронпулиҳоро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;
- номзадии кормандонро барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ ва ҷоизаҳои гуногун тавсия медиҳад;
- масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос, табодул ва ҳавасмандкунии кадрҳоро баррасӣ намуда, барои дохил шудан ба аспирантура, интернатура, ординатура, докторантура, постдокторантура ва гузаронидани кормандон ба вазифаи ходими илмӣ ва ходими калони илмӣ ва анҷоми рисолаҳои докторӣ тавсияҳо медиҳад;
- ҳайат ва хулосаи қарори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ ва шӯроҳои доимию муваққатан амалкунандаро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ мекунад;
- ҳисоботи роҳбарони воҳидҳои сохториро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ менамояд;
- масъалаҳои муҳимми фаъолияти Донишгоҳро, ки аз ҷониби ректор пешниҳод мегардад, баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ мекунад;
- дигар масъалаҳоро тибқи қонунгузорӣ баррасӣ менамояд.

- мусоидат намудан ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ, амалигардонӣ ва рушди минбаъдаи тадқиқоти илмӣ, инкишофи корҳои таълимию тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;
- барои фаъолияти пурсамари Шӯрои олимон аз ҳисоби аъзоёни Шӯро комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ таъсис дода мешавад;
- баррасӣ ва муҳокимаи ҳисоботҳо оид ба фаъолияти сохторҳои таркибии донишгоҳ;
- назорат аз болои иҷрои қарорҳои қабулшуда.

## III. Салоҳияти Шӯрои олимон

3.1. Ба салоҳияти Шӯрои олимони донишгоҳ дохил мешавад:

- оид ба ташкили ҷараёни таълиму тарбия, корҳои илмию тадқиқотӣ, фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ қарор қабул менамояд;
- натиҷаҳои фаъолияти солонаи таълимӣ ва илмиву тадқиқотиро ҷамъбаст намуда, барои беҳтар намудани онҳо тавсия медиҳад;
- ҳисоботи ҳарсолаи ректори донишгоҳро шунида, баррасӣ намуда тасдиқ менамояд;
- ҳисоботи фаъолияти таълимӣ, илмию тадқиқотӣ ва корҳои тарбиявии тайёр кардани мутахассисон (дар факултетҳо) ва фаъолияти ҷамъиятҳои илмии дар назди донишгоҳ қарордоштаро мешунавад;
- масъалаҳои таъсис намудан ва бастани факултетҳо, кафедраҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ ва номгузории онҳоро чун қоида бо назардошти таҳкимбахшии онҳо, бунёди коллективҳое, ки метавонанд вазифаҳои дар назди муассисаи таълимӣ истодаро дар маҷмӯъ иҷро намоянд, ҳаллу фасл менамояд;
- нақшаҳо ва барномаҳои таълимии тайёр кардани мутахассисонро тасдиқ намуда, номгӯи барномаҳоеро, ки тарбияи махсуси мутахассисонро дар ҳаҷми 15 фоизи ҳаҷми умумии вақти таҳсил барои инъикоси фаврии дастовардҳои навтарини илму техника дар мазмуни таълим, муайян шудаанд, муқаррар ва тасдиқ менамояд;
- меъёрҳои намунавии вақтро барои ҳисоби ҳачми умумии корҳои таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ, ташкилӣ ва таълимӣ-методӣ, ки аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон иҷро мешаванд, тағйир медиҳад ва пурра мегардонад;
- номзадҳоро барои дарёфти идрорҳои номии Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот ва донишгоҳӣ аз ҷумлаи донишҷӯёни аълохони донишгоҳ ва аспирантон тавсия менамояд;
- барои гузаронидани чорабиниҳои дар боло зикргардида захираҳои молиявӣ ва меҳнатиро тасдиқ мекунад;

- дар асоси арзёбии самаранокии фаъолияти илмию ташкилии шӯъбаҳои таълим ва илм оид ба мувофиқи мақсад будан ва ё барҳам додани онҳо қарор қабул мекунад;
- номзадҳоро барои дохил шудан ба докторантура, аспирантураи яксола, гузаронидан ба вазифаҳои ходими хурд ва калони илмӣ, инчунин додани рухсатии эҷодии 3-моҳа, 6-моҳа ва яксола барои ба анҷом расонидани рисолаҳои номзадӣ ва васоити таълимӣ, тавсия намуда, мавзӯи рисолаҳои номзадиву доктириро тасдиқ менамояд;
- барои ишғоли вазифаҳои озоди профессорию омӯзгорӣ, вазифаҳои илмӣ ва мудирони кафедраҳо озмун мегузаронад;
- харҷномаи даромад ва хароҷоти донишгоҳро муҳокима намуда, ҳисоботи солонаи харҷномаи мазкурро мешунавад ва хулосагирӣ мекунад;
- ҳисоботи молиявию хоҷагии донишгоҳро мешунавад;
- масъалаи дигари ба фаъолияти донишгоҳ марбутро баррасӣ мекунад;
- фаъолияти Шӯрои диссертатсиониро дида мебароянд.

## IV. Идора ва ҳайати Шӯрои олимони донишгоҳ

4.1. Раисии Шӯрои олимонро ректори донишгоҳ ба ӯҳда дорад.

4.2. Котиби Шӯрои олимони донишгоҳ бо фармони ректори донишгоҳ таъйин шуда, вазифаҳои зайлро иҷро мекунад:

4.3. Ба ҳайати Шӯрои олимон аз рӯи вазифа дохил мешаванд:

- ректор, муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, мудири китобхона, мудирони шӯъбаҳои таълим ва илм, мудири шӯъбаи аспирантура намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ. Намояндагони дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки 50 фоизи ҳайати умумии Шӯрои олимонро ташкил медиҳанд, аз ҷониби коллективи сохторҳои таркибӣ пешбарӣ шуда, бо фармоиши ректори донишгоҳ ба ҳайати Шӯро ворид карда мешаванд;
- мудирони кафедраҳои факултет, намояндагони ҳайати профессорону омӯзгорон, ки аз ҷониби Шӯрои олимони факултет пешбарӣ мешаванд (ба ҳайати намояндагони факултетҳо кормандони илмӣ, докторантҳо, аспирантҳо низ шомил шуда метавонанд) 50 фоизи ҳайати умумии Шӯрои олимонро ташкил медиҳанд;
- ҳайати Шӯрои олимонро ректори ДДТТ тибқи фармон ба мӯҳлати 3 (се) сол тасдиқ менамояд, ҳангоми аз ҳайат баромадан (бозхондан) –и аъзои Шӯрои олимон то анҷоми мӯҳлати салоҳияти Шӯро, пурра кардани ҳайати он дар оғози соли таҳсил бо ҳамон тартибе, ки Шӯрои олимон ташкил карда мешавад, сурат мегирад.

## V. Тартиби фаъолият ва қабули қарорҳо

- фаъолияти Шӯрои олимон мутобиқи нақшае, ки барои ҳар як соли таҳсил таҳия мегардад, сурат мегирад. Нақшаи кории Шӯрои олимонро ректори донишгоҳ пас аз баррасии он дар Шӯрои олимон тасдиқ менамояд;
- ҷаласаи Шӯрои олимон мувофиқи нақшаи тасдиқшуда дар давоми як моҳ як маротиба гузаронида мешавад;
- қарорҳои Шӯрои олимони донишгоҳ оид ба ҳамаи масъалаҳои таълимиву илмӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро бо ҷонибдории аксарият қабул карда мешавад, вале ҳангоми гузаронидани озмун барои ишғоли вазифаи мудири кафедра, вазифаи озоди ҳайати устодону омӯзгорон ва ҳайати илмӣ, додани унвонҳои дотсент, ходими калони илмӣ ва профессор овоздиҳӣ тибқи тартиби муқарраргардида (пинҳонӣ) сурат мегирад;
- қарори Шӯрои олимон аз тарафи ректори донишгоҳ ба тасвиб расонида шуда, ҳукми воқеӣ мегирад;
- қарори Шӯрои олимон дар ҳалли масъалаҳои ишғоли вазифа он гоҳ қабул карда мешавад, ки агар дар ҷаласаи Шӯро на кам аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро ҳузур дошта бошанд ва ба тарафдории номзад зиёда аз 50 фоизи аъзои Шӯро овоз диҳанд;
- ҳангоми баробар шудани овозҳо ё нагирифтани миқдори овозҳои аъзои Шӯрои олимон пас аз як моҳ дар ҷаласаи навбатӣ масъалаи мазкур муҳокима гардида, мавриди овоздиҳӣ қарор дода мешавад;
- ҷаласаҳои Шӯрои олимон дар суратҷаласа қайд карда мешавад;
- ба суратҷаласа раиси Шӯро ва котиби он имзо мегузорад;
- раиси Шӯрои олимон иҷрои мунтазами қарорҳои Шӯрои олимонро зери назорат гирифта, роҷеъ ба он ҳар се моҳ як маротиба дар ҷаласаи Шӯрои олимон гузориш медиҳад;
- ректори донишгоҳ дар мувофиқа бо Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот ва бо ризоияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин метавонад, қарори Шӯрои олимонро бекор намояд;
- агар қарори қабулшуда хилофи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармону қарорҳои мақомоти болоӣ бошад;
- агар қарори Шӯрои қабулшуда ба ҷараёни таълиму тарбия фаъолияти илмию методии донишгоҳ зараровар бошад;
- низомномаи мазкур пас аз тасдиқ шудан дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ ҳукми қонунӣ мегирад;
- тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо пешниҳоди асосноки аъзои Шӯро ба тариқи овоздиҳии ошкоро ворид карда мешавад.